## СУРАТМАҶЛИСИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Иштирок доштанд:** аз 17 нафар аъзои маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар асоси таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2022, таҳти № 28 тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хукукшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

**Мушовири илмӣ:**

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Раиси комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

- Носиров Хуршед Толибович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи таълимии байнидавлатӣ «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон»;
- Мирзозода Парвон Зайналобуддин – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Кӣ тарафдор аст ба рӯзномаи ҷаласа, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба диссертант оид ба мухтавои асосии диссертатсия.

Атаев Акмалхон Саидумарович – (баромад намуд).

**Раисикунанда:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат. Профессор Ғаюрзода Ш.К. Дар ҳақиқат мавзӯи рисолаи илмӣ мубрам баҳисоб меравад. Саволи ман ба муҳтавои таҳқиқоти диссератсионӣ таалуқ дорад. Аз татбиқгардии консепсияи илмии муосири танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии коммуналӣ ба қадри имкон муваффақияти тамоми ташаккулҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин таи солҳои ислоҳот дар ин соҳа тағйиротҳои ҷиддии мусбӣ ба вуҷуд наомаданд. Хоҷагидории коммуналӣ ҳанӯз бо мавҷуд набудани муносибатҳои назарраси иқтисодӣ ва сифати басо пасти хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, мавқеи ҳукмфармоии ташкилотҳои захиратаъминкунанда ва аз ҳамдигар ҷудо будани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро танзимкунанда баҳо дода мешавад. Яке аз муаммоҳои асосӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар ҶТ таъмини мутобиқатии қонунгузории таъмини шаҳрвандонро бо нерӯҳои барқӣ, гармӣ, оби нӯшокиро танзимкунандае мебошад, ки барои эҳтиёҷҳои аҳолӣ муҳим ҳастанд. Шумо вобаста ба ин мушкилиҳо чӣ андеша доред?

**Раисикунанда:** Марҳамат унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** - Ташаккур устод! Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки масъалаи дастрасии пурраи аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ аз ҳадафҳои аслии роҳбарияти давлату Ҳукумат маҳсуб ёфта, ин раванд дар мамлакат тавассути татбиқи тарҳҳои сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои ҷумҳуриявӣ марҳила ба марҳила амалӣ карда мешавад. Тавре, ки дар конфронси илмию амалии «Стратегияи истифодабарии захираҳои обию энергетикии Тоҷикистон» зикр гардид, сифати оби нӯшока барои таъмини саломатии аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ мебошад.

Мувофиқи меъёрҳои қонунгузории ҶТ «Дар бораи энергетика, «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов», «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкатҳои соҳибмулкони манзил», Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ, Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ хизматрасонии коммуналӣ ё ин ки таъмини захираҳои коммуналӣ дар асоси шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардонида мешавад.

Муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ яке аз муаммоҳои ҷиддии ҳангоми баамалбарории фаъолияти хоҷагидорӣ бамиёномада мебошанд. Масъала оид ба табиати ҳуқуқии шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба миён меояд. Ҳамзамон зарурияти баҳои қонунгузории ҷории гражданӣ, аз ҷумла масъалаҳои тағйир ва қатъи шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқиро танзимкунанда ба миён меояд. Дар ин маврид дар айни ҳол дар илми ҳуқуқи гражданӣ зарурияти таҳқиқ кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, муайянкунии мавқеи шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар низоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинишуда ба миён омадааст.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Марҳамат устод Мирзозода П.З.

**Мирзозода П.З.** Ташаккури зиёд устод! Имрӯз муаммои таъмини иқтисодиёт бо захираҳои энергетикӣ на танҳо назди кишварҳои алоҳида, балки назди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба миён омадааст. Он боз ҳам бештар аз сабаби маҳдудияти захираҳои як қатор захираҳои энергетикӣ ва аз ҳад зиёдшавии талаботҳои аҳолии замин ба энергия шиддат меёбад. Шаҳрҳо сохта мешаванд, бо баробари он истеҳсолот рӯ ба афзоиш ниҳода мешавад, яъне талабот низ ба захираҳои энергетикӣ бо мурури замон афзоиш хоҳад ёфт. Ба ин ҳамон далеле бояд илова карда шавад, ки дастрасии аксарияти давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф ба захираҳои энергетикӣ басо маҳдуд аст, ҳатто баъзан умуман вуҷуд надорад. Шумо вобаста ба ин мушкилиҳо дар таҳқиқоти худ чӣ пешниҳод кардаед?

**Раисикунанда:** Марҳамат унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** - Ташаккур устод! Дар ин шароит барои ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои рушди соҳаи энергетикӣ ва таъмини субот ҳангоми хизматрасонии энергетикӣ бояд таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шавад. Ҳалли ин муаммо бештар аз сатҳи рушди хизматрасонии энергетикӣ дар ин ё он давлат, асосан аз сатҳи ташаккули бозори чунин хизматрасониҳо вобаста мебошад. Дар ин робита омӯзиши роҳҳо ва воситаҳои ташаккули бозори чаканаи хизматрасонии энергетикӣ ҳамчун институти хизматрасонии аҳолиро дар соҳаи энергияи барқӣ муаррификунанда мубрамияти махсусро ташкил медиҳанд. Мо дар ин ҷода мафҳуми ин хизматрасониро пешниҳод намудаем, ки мутобиқи он: “Хизматрасонии энергетикӣ – ин фаъолияти хоҷагидорие дар соҳаи истеҳсолот, тақсимкунӣ ва истеъмоли манбаъҳои энергетикӣ, ки баҳри таъмини кофӣ ва босамари шомили энергияи субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ равона гардидааст”. Инчунин хизматрасонии энергетикӣ – ин додани шароит ва имконияти ҳалли масъалаҳои техникӣ, ташкилӣ ва молиявии намуди хизматрасонӣ(дар бахши энергетика) ба мизоҷ, ки натиҷаи муайяни иқтисодӣ медиҳад ё масъалаи энергетикии муштариро ҳал менамояд, мебошад. Ба ин таъриф такя карда, боз аниқтар онро баён кардан мумкин аст, ки моҳияти бозори чаканаи хизматрасонии энергетикӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин бозор дар асоси муносибатҳои молӣ-пулӣ оид ба иҷрои хизматрасонӣ дар соҳаи истеҳсолот, тақсимкунӣ ва истеъмоли манбаъҳои энергетикӣ берун аз бозори яклухт бо иштироки истеъмолкунандагони ниҳоии манбаъҳои энергетикӣ қарор мегирад.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Савол нест.

Сухан ба мушовири илмии диссертант дода мешавад: **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Раиси комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси якум дода мешавад: Носиров Хуршед Толибович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии муассисаи таълимии байнидавлатӣ «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (тақриз замима мегардад);

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси дуюм дода мешавад: Мирзозода Парвон Зайналобуддин – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Марҳмат устод Сангинзод Д.Ш.

**Сангинзод Дониёр Шомаҳмад – профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиши маҷмӯии ақидаҳо ва назарияҳои илмӣ доир ба мафҳум, аломатҳои хизматрасонии коммуналӣ, мафҳум ва хусусиятҳои шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ва таҳлили қонунгузории ҷории ҶТ дар ин соҳа, инчунин дар коркард ва пешниҳод намудани тавсияю пешниҳодҳо баҳри боз ҳам мукаммалтар гардонидани институти шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ зоҳир мегардад. Дар рисола бо далелҳои илмӣ асоснок карда мешавад, ки таҳти мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ намуди махсуси фаъолияти ташкилоти мушаххасгардонидашуда (захиратаъминкунанда) фаҳмида мешавад, ки баҳри фароҳам овардани неъмати махсуси ғайримоддӣ, дар шакли муҳайё кардани шароити зарурии зист барои истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) дар биноҳои истиқоматӣ бо роҳи таъмин намудани сифати муназзам ва дахлдори захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаҳои мухталифи муҳандисӣ нигаронида шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, алахусус идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ, таъмини захираҳои коммуналӣ ба монанди нерӯи барқ ва гармӣ пешниҳод шудаанд. Бисёрпаҳлугии муаммоҳои дар ҷараёни пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бароянадаро ба назар гирифта, муаллиф ҳаракат кардааст бештар масъалаҳои мубрами то имрӯз баҳои дурусти назариявӣ ва танзими ҳуқуқии назаррас қабулнакардаро таҳқиқ намояд. Аз ин рӯ, рисолаи илмии мазкур ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 пешниҳод карда шавад.

**Раисикунанда:** Боз кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Хоҳишманд нест.

**Раисикунанда:** Таҳқиқоти диссертатсионии диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), мусбат арзёбӣ гардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи мазкур тарафдор аст. Марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд (хулоса замима мегардад).

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ.Б.

**Муқарризи №1:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии
муассисаи таълимии байнидавлатии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Носиров Х.Т.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода П.З.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Имзои Носиров Х.Т. тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
муассисаи таълимии байнидавлатии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А.А.

«31» январи соли 2023